**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2024. – 178 с.**

Матбуоти ҳар як кишвар бо таъйинот, шакл ва мундариҷаи худ дорои хусусиятҳои алоҳида мебошад. Дар низоми матбуоти Тоҷикистон дар баробари рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ, нашрияҳои русизабон ва ӯзбекзабон низ накш, мақом ва ҷойгоҳи худро соҳиб ҳастанд. Агар ба таърихи матбуоти тоҷик назар афканем, ҳамбастагии матбуоти тоҷику ӯзбек бараъло намоён мешавад. Аксари аввалин рӯзномаҳо дар кишварҳои минтақа бо ду забон интишор ёфта буданд. Ин анъана то ба имрӯз роиҷ аст, онро дар мисоли нашрияҳои дузабонаи Тоҷикистон дидан мумкин аст.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсия**и номзадии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар он зоҳир мегардад, ки дар замони имрӯза матбуот шакл гирифтаву воситаҳои нави иттилоърасонӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, омӯзиши таърихи пайдоиши аввалин рӯзномаву маҷаллаҳо дар Тоҷикистон, заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, омил, шароит ва муҳити таъсиси нашрияҳо, марҳилаҳои ташаккули онҳо, хусусият ва таъйиноташон **муҳим ва мубрам** ба шумор меравад. Нашрияҳои даврии ӯзбекзабони Тоҷикистон дар баробари матбуоти тоҷик ташаккул ёфтааст, вале то ба имрӯз мавриди омӯзишу пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст. Дар ин раванд омӯзиш ва таҳқиқи нашрияҳои ғайритоҷикии кишвар, аз ҷумла нашрияҳои ӯзбекзабон барои илми журналистикаи тоҷик **аҳаммияти баланд** дорад.

Дар диссертатсия бори аввал нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон шурӯъ аз рӯзномаи «Қизил Тожикистон», нашрияҳои дузабонаи маҳаллӣ, рӯзномаҳои «Ҳақ сӯз», «Замондош» то ба рӯзномаҳои имрӯзаи «Суғд ҳақиқати», «Дӯстлик», «Элчи» ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Инчунин, доир ба фаъолияти рӯзноманигорон ва публитсистони ӯзбекзабони кишвар, ки солҳои гуногун дар рӯзномаву маҷаллаҳо кор карданд, маълумотҳо ҷамъоварӣ ва таҳқиқ шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида,** ки аз 7 банд иборат мебошанд, ҳам навгонии таҳқиқро собит ва ҳам самтҳои асосии пажӯҳишро муайян месозанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мeёбад, ки бори аввал нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон аз пайдоиш то ба имрӯз ба таври

муфассал дар шакли диссертатсия таҳқиқ гардида, омилҳо, заминаҳо, мақсаду ҳадаф, хусусият, самти фаъолият, муҳтавои мавзуиву мундариҷавии нашрияҳои ӯзбекзабон муайян шудаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии диссертатсия донишҳои назариро доир ба нашрияҳои ӯзбекзабони кишвар пурра мегардонад ва барои омӯзиши минбаъдаи онҳо дар оянда судманд мебошанд. Дар баробари ин хулосаҳои таҳқиқ барои пажӯҳиши алоҳидаи ҳар як нашрияи ӯзбекзабон, маводи онҳо, муқоиса бо матбуоти тоҷик, фаъолияти рӯзноманигорони ӯзбекзабон, таҳқиқи мавзӯӣ ва жанрии нашрияҳо мусоидат карда метавонад. Ҳамчунин, диссертатсияро метавон дар вақти таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, тадриси таърихи журналистикаи Тоҷикистон ба кор бурд. Гузашта аз ин, диссертатсия намунаи таҳқиқи нашрияҳои ғайритоҷикӣ дар Тоҷикистон буда, дар оянда метавон барои пажӯҳиши муқоисавии нашрияҳои тоҷикзабони дигар кишварҳо истифода кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ чоп кардааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Дар маҷмуъ, маводи ба нашр расонидаи диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамояд.

Диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар бахши муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, предмет ва марҳилаи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он, аҳаммияти назарӣ ва амалии пажӯҳиш, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати он бо шиносномаи ихтисоси илмӣ ва ғайра шарҳу тавзеҳ шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои пайдоиши рӯзномаҳои ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» унвон дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли якум – «Таъсиси нахустин нашрияҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-ӯзбекӣ» диссертант пайдоиши аввалин нашрияҳои миллӣ дар кишварҳои Осиёи Миёнаро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин зимина ба пажуҳишҳои муҳаққиқони тоҷику ӯзбек, аз қабили М.Бобохонов, И.Усмонов, Д.Давронов, А.Азимов, А.Набавӣ, Қ.Шарифзода, А.Авлонӣ, Н.Абдуазизова, Т.Эрназаров ва дигарон такя менамояд. Аз аввалин нашрияҳои ӯзбекӣ дар Ӯзбекистон, Қозоқистон ва Қирғизистон ёдовар шуда, нашрияҳои имрӯзаи тоҷикии кишварҳои минтақаро зикр кардааст. Дар ин фасл, ҳамчунин аз

ҷониби унвонҷӯ нашрияҳои дузабонаи маҳаллии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, раванди ташаккули онҳо нишон дода шудааст. Дар заминаи андешаҳои муҳаққиқон диссертант маълумотҳои навро низ пешниҳод менамояд.

Фасли дуюми боби якум – ««Қизил Тожикистон» – аввалин рӯзнома бо забони ӯзбекӣ» яке аз фаслҳои асосии диссертатсия ба шумор меравад. Унвонҷӯ андешаи муҳаққиқон, маълумотҳои васоити таълимӣ, донишномаҳо, китобҳои ёддоштӣ, санадҳои расмӣ ва маводи худи рӯзномаро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, ҳамчунин дар асоси омӯзиши бевоситаи худ таъсис ва марҳилаҳои ташаккули аввалин рӯзномаи ӯзбекзабони Тоҷикистонро муайян намудааст, ки «аз 1 декабри соли 1926 то моҳи октябри соли 1928 ҳамчун саҳифа дар рӯзномаи «Бедории тоҷик», аз моҳи октябри соли 1928 то моҳи феврали 1929 замимаи ӯзбекии рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ва аз моҳи феврали соли 1929 ҳамчун рӯзномаи алоҳида» (саҳ.42-43) бо номи «Қизил Тожикистон», «аз 1 январи соли 1955 бо номи «Совет Тожикистони»» (саҳ.47), «аз соли 1992 бо номи «Халқ овози»» (саҳ.54) ва «аз 3 феврали соли 2000 ҳамчун нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 57-58) ба нашр мерасад.

Дар ин фасл фаъолияти муҳаррирони рӯзнома, аз ҷумла Муҳаммадҷон Ҳасанов, Бобоҷон Ғафуров, Ҳамид Гадоев, Ҳоҷӣ Содиқ, ки барои рушди матбуоти тоҷик саҳми бузург гузоштаанд, муфассал баррасӣ шудааст. Диссертант нақш, мавқеъ ва ҷойгоҳи рӯзномаи ӯзбекзабони «Қизил Тожикистон»-ро дар низоми матбуоти кишвар ҳамчун нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баррасӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки он дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ нақши устувор ва муҳим дорад. Унвонҷӯ дар солҳои 90-уми асри гузашта бо ташаббус ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ном ва мақоми нав ба нашр расидани рӯзномаро қайд менамояд.

Боби дуюм – «Истиқлолият ва рушди нашрияҳои даврии ӯзбекзабон» аз се фасл иборат буда, омӯзиши таъйинот, хусусият, шакл ва мундариҷаи нашрияҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ӯзбекзабони замони Истиқлолро дар бар мегирад.

Фасли якуми боби дуюм – «Таҳаввули рӯзномаҳои вилоятии ӯзбекзабон дар замони муосир» дар мисоли нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд – рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» ва нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон – рӯзномаи «Дӯстлик» мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз таҳқиқ ва баррасиҳои диссертант бармеояд, ки заминаҳои пайдоиши ин нашрияҳо мутаносибан ба фаъолияти рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ленинобод»

ва «Кулябская правда» вобастагӣ дорад. Дар онҳо саҳифаҳои ӯзбекӣ ба нашр мерасид ва бо шарофати Истиқлолиятӣ давлатӣ дар заминаи ана ҳамин саҳифаҳо рӯзномаҳои вилоятии ӯзбекзабон ба вуҷуд омадаанд. Унвонҷӯ раванди ташаккул, хусусиятҳои ин рӯзномаҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, истифодаи рубрика ва мавзуҳои инъикоскардаи нашрияҳоро бо ҳам муқоиса менамояд ва бартариву камбудии онҳоро нишон медиҳад.

Фасли дуюми ин боб – «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон» ном дорад. Дар ин фасл маънидод мегардад, ки Истиқлолияти давлатӣ барои ба вуҷуд омадани нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон имконият ва шароити мусоид ба вуҷуд овард. Диссертант нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабонро ба навъҳои зерин: нашрияҳои ҷамъият ва марказҳои фарҳангии ӯзбекони Тоҷикистон; нашрияҳои ҳизбӣ; маҷаллаҳои адабӣ; рӯзномаҳои хусусӣ; нашрияҳои соҳавӣ ҷудо намудааст, ки барои дар алоҳидагӣ таҳқиқ намудани онҳо мусоидат кардааст.

Дар бораи нашрияҳои «Ҳақ сӯз», «Қадрият», «Маънавият», «Қарлуғнома», «Тожикистон овози» маълумотҳо оварда шуда, қисман мазмуну мундариҷаи онҳо омӯхта шудааст, ки ин арзиши илмии таҳқиқро боз ҳам бештар гардонидааст. Зимни пажӯҳиши маҷаллаҳои «Нафосат», «Осиё» ва «Шарқнома» аз андешаҳои намояндагони барҷастаи адабу фарҳанг истифода шудааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Аз таҳлилҳои унвонҷӯ бармеояд, ки нашрияҳои соҳавии «Устоз», «Ӯқувчилар газетаси» ва «Кичкинтой», ки барои омӯзгорон ва хонандагони ӯзбекзабони Тоҷикистон нигаронида шудааст, аз як ҷиҳат барои бо маводҳои методию таълимӣ таъмин намудани омӯзгорон хизмат кунад, аз ҷониби дигар луғатҳои дар онҳо нашршуда ба хонандагон барои омӯзиши забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Унвони фасли сеюми боби дуюм ««Замондош» – намунаи нашрияҳои ӯзбекзабони замони Истиқлол» буда, дар он яке аз рӯзномаҳои ғайридавлатии фаъол ва машҳури Тоҷикистон бо забони ӯзбекӣ бо дарназардошти хусусият ва муҳтавои маводҳо мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Тавре аз таҳқиқи диссертант бармеояд, ин нашрия низ дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст. Ҳамчун замимаи адабӣ, бадеӣ ва иҷтимоии рӯзномаи «Халқ овози» таъсис ёфта, бо гузашти солҳо ба нашрияи мустақил табдил меёбад ва хусусияти сиёсӣ-иҷтимоиро касб мекунад. Бо инъикоси воқеаву ҳодисаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва минтақа дар байни мардум зуд маҳбубият пайдо мекунад. Аз манфиатҳои милливу давлатӣ дифоъ менамояд. Диссертант зимни пажӯҳиш маводҳои нашрияро ба риштаи таҳлил кашида, мақом ва ҷойгоҳи нашрияро дар фазои иттилоотии

Тоҷикистон нишон додааст. Махсусан, мақолаҳои ба интихоботи парлумонӣ бахшидашуда, мактубҳои кушод ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар масъалаи сохтмони НБО-и «Роғун», истифодаи реклама ва робита бо хонандагон хуб таҳлил шудааст. Дар баробари ин, ба ду нашрияи алоҳида – «Замон» ва «Хиёбон» тақсим шудани рӯзномаи «Замондош» ҳамчун омили камранг ва камхонанда гардидани он маънидод мегардад.

Боби сеюми диссертатсия «Мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон» унвон дошта, аз ду фасл: «Вижагиҳои жанрӣ ва мавзуӣ» ва «Инъикоси мавзуъҳои мубрами рӯз дар қолаби жанрҳои публитсистӣ» таркиб ёфтааст.

Дар фасли якуми боби сеюм хусусият ва мувофиқати мавзуъ ва жанр дар маводҳои рӯзномаи «Замондош» таҳқиқ шудааст. Диссертант бештар ба жанрҳои хабар, мусоҳиба, мактуб, лавҳа, очерк, эссе, памфлет ва фелетон таваҷҷуҳ намуда, маводҳои дар қолаби ин жанрҳо чопшударо мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ будан ё набудани маводҳоро бо истифода аз андешаҳои мухаққиқони публитсистика собит намуда, тахил ва мавқеи худро нишон медиҳад. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки дар таҳлил нисбат ба жанрҳои ахборӣ ва таҳлилӣ ба жанрҳои бадеию публитсистӣ бештар таваҷҷуҳ шудааст.

Фасли дуюми ин боб ба таҳлили жанрии ду мавзуи мабрами рӯз: якум, муносибатҳои имрӯзаи Тоҷикистону Ӯзбекистон ва дуюм, ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар масоили обу иқлим ихтисос дода шудааст. Ин ду мавзуъ дар замони имрӯза воқеан мубрам буда, таҳлили онҳо дар асоси маводҳои рӯзномаи расмии ӯзбекзабони Тоҷикистон – «Халқ овози» муҳим ба шумор меравад.

Унвонҷӯ инъикоси муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро аз соли 2016 инҷониб мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ин давра марҳилаи нави муносибатҳои дӯстиву бародарии ду кишвар дониста мешавад. Дар диссертатсия вижагиҳои инъикоси мавзуъ дар доираи талаботи жанрӣ бо нишон додани муваффақияту камбудиҳо таҳқиқ шудааст. Мавзуи ташаббусҳои глобалии кишвар бо назардошти мушкилоти оби Тоҷикистон ва ҷаҳон таҳлил шудааст. Диссертант дар доираи ин ду мавзуъ чанд мавод ва дар кадом жанр нашр шуданашро бо шумора нишон додааст, ки ин аз дақиқкории унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

**Дар хулосаи диссертатсия** Умаров Зуҳриддин Тоштемирович натиҷаҳои илмию таҳқиқии худро дар 15 банд пешниҳод намудааст, ки аксаран қобили таваҷҷуҳ ва хусусияти навгонӣ доранд. Ҳамчунин оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки

барои истифодаи амалӣ муфид буда, барои беҳтар гардонидани фаъолияти нашриёҳои ӯзбекзабон нигаронида шудаанд.

Диссертатсия аз аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ хуб бархӯрдор буда, унвонҷӯ дар кор заҳмати зиёд кашидааст. Абадиёту маъхазҳои зиёдро аз назар гузаронидааст. Забонро медонад ва рӯзноманигори бевоситаи нашрияи ӯзбекзабон аст. Таҳлил, қиёс, баёни мавқеъ ва андешаи худ аз камолоти илмии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад. Дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:

1.Дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» мақолаҳои дар матбуот нашршуда сарфи назар шудаанд, ҳарчанд дар дохили кор ин гуна мақолаҳо нишон дода шудааст.

2.Нашрияҳои дузабонаи маҳаллиро хеле хуб зикр кардаанд ва хубтар мешуд, ки он дар фасли алоҳида бештар таҳлил мегардид.

3.Фасли якуми боби дуюм нисбат ба дигар фаслҳо ҳаҷман кам аст ва дар бораи ду нашрияи вилоятии ӯзбекзабон таҳқиқи васеътар анҷом дода мешуд, ба манфиати кор мебуд.

4.Нашрияҳои ғайридавлатии замони Истиқлол хуб таҳқиқ шудааст. Хубтар мешавад, ки дар атрофи баъзеи онҳо камтари дигар васеътар истода шавад ва нокомиву муваффақияти онҳо гуфта шавад.

5. Диссертант мисол ва назарияи илмиро пеш оварда метавонад, аммо дар баъзе мавридҳо ҷуръати илмӣ қонеъкунанда нест.

6. Дар матни диссертатсия афтидан ва изофа шудани ҳарфҳо ва нодуруст гузошта шудани нохунак маъниву маромҳоро халалдор кардааст, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар сатҳи зарурии илмию пажуҳиши таълиф шудааст ва вазифаҳои гузоштташуда бомуваффақият иҷро гардидааст.

Автореферат ва 13 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 5-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд.

Нашри таълифоти илмӣ ва коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мақсади муайян, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Услуби баён, масъалагузорӣ, баррасӣ, таҳқиқ ва мақолаҳои илмӣ аз саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
сардори хадамоти матбуотии Муассисаи
таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии
«Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Муллоев Ш.Б.
19.03.2024 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Зафар, бинои 229, ҳуҷраи 24.
Тел.: (+992) 93-500-57-50.
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Имзои **Муллоев Шариф Боқиевич**ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии
«Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А.А.
19.03.2024 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Телефон: (+992) 37-221-35-50.
E-mail: p.rektora@mail.ru
Сомона: rtsu.tj